Тасдиқ шудааст
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 октябри соли 2010 №561

# БАРНОМАИ
# РУШДИ САЛОМАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2013

Душанбе 2011

# МУНДАРИҶА

1. МУҚАДДИМА..............................................................5
1.1. Дастовардҳо оид ба татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010 ......6
2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ.....................................................12
2.1. Вазъи демографӣ........................................................12
2.2. Вазъи ВНМО/БПНМ.....................................................12
2.3. Сатҳи ВНМО/БПНМ ва СТАҶИ байни муҳоҷирони меҳнатӣ..........................................................................13
2.4. Вазъи нашъамандӣ......................................................14
2.5. Одатҳои номатлуб, аз ҷумла сатҳи сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда (СТАҶИ) байни ҷавонон .....14
2.6. Тарбияи ҷисмонӣ ва рӯҳии ҷавонон ...............................16
2.7. Имкониятҳои гендерӣ...................................................16
2.8. Солимии репродуктивӣ ва танзими оила.........................17
2.9. Иштироки воситаҳои ахбори омма ................................18
2.10. Имконоти молиявии татбиқи Барнома .........................18
3. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА...........................20
3.1. Вазифаҳои Барнома ......................................................20
4. СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМА ....................20
5. ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ...............................21
6. НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ БАРНОМА .........................23
7.МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА.......................................................30
8. НАҚШАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА .....................31
9. НАТИҶАҲОИ ПЕШБИНИШАВАНДА..........................36

# ИБОРАҲОИ ИХТИСОРШУДА

| | |
|---|---|
| ВНМО | Вируси норасоии масунияти одам |
| ВАО | Воситаҳои ахбори омма |
| БПНМ | Бемории пайдошудаи норасоии масуният |
| БВАҶГ | Бемориҳои бавоситаи алоқаи ҷинсӣ гузаранда |
| ТБК (МИКИ) | Таҳқиқоти бисёрҷабҳагии кластерӣ |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| СТХҶ | Стратегияи «Ташаббусҳои хайрхоҳона ба ҷавонон» |

# 1. МУҚАДДИМА

Солимӣ нерӯест, ки ба беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва инкишофи инсон шароити мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, стратегияи ташаккул ва рушди тарзи ҳаёти солим омили муҳимтарини суръатафзои устуворӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Дар давраи истиқлолият, новобаста аз мушкилиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, дар ҷумҳурӣ оид ба нигаҳдории саломатии аҳолӣ, аз ҷумла наврасон ва ҷавонон тадбирҳои муҳим қабул ва амалӣ гардидаанд.

Татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, ки фарогири тамоми мушкилоти саломатии наврасон ва ҷавонон мебошад, аз қабили чунин тадбирҳост.

Воқеист, ки ҳама гуна тадбирҳои давлатӣ хусусияти мунтазамӣ дорад, зеро ҷомеа самти рушдро ихтиёр кардааст ва мутаносибан мушкилоти баррасишаванда низ бо мурури замон ва тақозои ҷомеаи муосир самти худро тағйир медиҳад.

Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 низ аз қабили чунин тадбирҳо буда, навсозии муттасилро талаб мекунад. Бахусус дар ҳолате, ки афзалиятҳои асосии Барнома, яъне бемориҳои сироятии ҷинсӣ, Вируси норасоии масунияти одам/Бемории пайдошудаи норасоии масуният (ВНМО/БПНМ) ва нашъамандӣ ҳамарӯза афзуда истодааст, аз ҷумла байни насли ҷавон, ки ояндаи ҷомеа мебошанд. Яъне, вазифаи асосии Барнома аз он иборат аст, ки ба беҳдошти вазъи саломатии насли оянда аз имрӯз замина фароҳам оварда шавад. Яъне, агар мақсади мо таҳкими саломатии насли наврас ва ҷомеаи солим бошад (ҳамин тавр ҳам ҳаст), бояд ба татбиқ, рушд ва такмили Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мунтазам таваҷҷӯҳи хос зоҳир намоем.

Аз ин лиҳоз, зарурияти тасдиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 ба миён меояд.

Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 (минбаъд - Барнома) саҳми сохторҳои ҳукуматӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ дар роҳи ноил гаштан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола мебошад, ки дар ҳалли мушкилоти мазкур мусоидат менамояд.

## §1. Дастовардҳо оид ба татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010

Дар зер иттилооти маҷмӯи оид ба дастовардҳои Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 (минбаъд -Барнома) ба таври мушаххас оварда шудааст, ки онҳо дар асоси

маълумоти аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ дастрасгардида тартиб дода шудаанд.

Чуноне маълум аст, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 аз 6 соҳаҳои афзалиятнок иборат буда, татбиқи ҳар кадоми онҳо дорои хусусияти хос мебошад. Аз ин, рӯ дастовардҳо маҳз бо дарназардошти ҳамин афзалиятҳо оварда мешаванд.

## §2. Соҳаи афзалиятноки 1. Рушд ва ҷорӣ намудани сиёсати хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон

Ҳангоми татбиқи соҳаи афзалиятноки мазкур, ки ба таъмини сиёсати Барнома равона гардидааст, одатан андешидан ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои назариявӣ дар назар дошта шудааст.
Ҳамчун тартиби муқаррааргардида Барнома, ки давлатӣ буда, хусусияти миллӣ дорад дар сатҳи тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вобаста ба шароит ва имконоти маҳал барои солҳои 2006-2010 қабул гардид.

Мувофиқи банди 7 Барнома дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисони соҳаҳои тандурустӣ, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ Комиссияи байнисоҳавии ҳамоҳангсоз оид ба рушди хадамоти хайрхоҳона нисбат ба ҷавонон дар соҳаи саломатӣ (минбаъд- Комиссия) таъсис дода шуд.

Ҳамин тариқ, дар ин давра ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мавҷудаи ҷараёни татбиқи Барнома чанд ҷаласаи Комиссия гузаронида шуда, оид ба лоиҳаи Барномаи маърифатии ҷавонон аз рӯи омӯзиши «Ҳамсол ба ҳамсол» (стандартикунонии фаъолият), лоиҳаи Низомнома ва дастури методӣ оид ба фаъолияти хадамоти «Телефони боварӣ барои наврасон ва ҷавонон», лоиҳаи Низомнома оид ба фаъолияти Марказҳои маърифатию иттилоотии хайрхоҳона ба ҷавонон ва ғайра қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Дар самти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дорои амалияи дахлдор мунтазам сафарҳои хизматии мутахассисони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятию байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон барои иштирок дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба пешгирии бемории ВНМО/БПНМ, ба шаҳри Санкт - Петербурги Федератсияи Россия барои иштирок дар Конференсияи байналмилалии «Хизматрасонии дӯстона барои ҷавонон», ба шаҳри Киеви Ҷумҳурии Украина барои таҷрибаомӯзӣ дар бахши хизматрасонии маҷмӯӣ ва байнисоҳавии хайрхоҳона ба ҷавонон, инчунин, вобаста ба ҳамин масъалаҳо ба кишварҳои Македония, Қазоқистон, Қирғизистон ва ғайра доир гардиданд.

Бо мақсади такмили заминаҳои ҳуқуқии имконияти ташкилу расонидани кӯмакҳои хайрхоҳона ба наврасону ҷавонон тӯли солҳои 2009-2010 дар мавзӯи «Таъмин ва дастрасии наврасон ва ҷавонон ба хизматрасониҳои тиббию иҷтимоӣ, бо дарназардошти риояи ҳуқуқҳои инсон» таҳқиқот гузаронида шуд.

Ҷиҳати омӯхтани арзиши хизматрасониҳои хайрхоҳона ба наврасон ва ҷавонон Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Хазинаи кӯдакони СММ ва дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ таъсис додааст. Мақсади гурӯҳи корӣ, ин ба таври таҷрибавӣ ва бевосита маблағгузорӣ намудани хизматрасониҳои тиббии наврасон ва ҷавонон мебошад. Айни замон аз тарафи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯхтани арзиши хизматрасониҳои хайрхоҳона ба наврасон ва ҷавонон 8 шаҳру ноҳияҳо интихоб шудааст.

## § 3. Соҳаи афзалиятноки 2. Омӯзиши малакаҳои ҳаётӣ дар соҳаи саломатӣ

Дар бахши мазкури соҳаи афзалиятноки фаъолият асосан ба соҳаи маориф равона гардидааст ва ин воқеист, зеро маҳз тавассути баланд гардидани сатҳи маърифатнокии ҷавонон бздоштан ва паст намудани сатҳи афзоиши бемориҳои махсусан хавфнок, аз ҷумла ВНМО, имконпазир мебошад.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои дахлдори байналмилалӣ байни мактаббачагон, донишҷӯён ва омӯзгорон як қатор чорабиниҳо ва корҳоро анҷом дода, барои нашр гардидани дастурҳои методӣ, китобҳои таълимӣ, маҷаллаву рӯзномаҳо, дискҳо ва овезаҳои тарғиботиву ташвиқотии зидди нашъамандӣ, тамокукашӣ, майпарастӣ, таксоманӣ, ВНМО ва БПНМ замина фароҳам овардааст.

Соли 2006 байни 11 ҳазор хонандагони 13-15- сола таҳқиқоти сотсиологӣ оид ба «Фаҳмиш ва ҷаҳонбинии кӯдакон дар самти тарзи ҳаёти солим» гузаронида шуд. Ин пурсиш нишон дод, ки сатҳи фаҳмиши кӯдакони 13-15- сола ниҳоят баланд буда, онҳо нисбат ба воқеаву ҳодисаҳои рухмедода бетараф нестанд. Таҳқиқоти мазкур барои ба роҳ мондани таълими “Тарзи ҳаёти солим” тавассути дарсҳои тарбиявӣ ва машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ замина гузошт.

Соли 2007 мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор барои омӯзиши таҷрибаи пешқадам, роҳҳои таҳияи дастурҳои таълимӣ, гузаронидани тренингу семинарҳои тарбиявӣ бо падару модарон дар самти тарзи ҳаёти солим ба Ҷумҳурии Украина сафар намуданд.

Ҳамчунин, омӯзиши Барномаи «Тарзи ҳаёти солим» дар лагерҳои истироҳативу фароғатӣ барои кӯдакон сурат гирифта, аз ҳисоби онҳо

сарварон тайёр карда шуданд. Ин хонандагон дар мактабҳои худ бо усули «Ҳамсол ба ҳамсол» оид ба оқибатҳои зараровари нашъа, тамоку, майпарастӣ ва дигар одатҳои номатлуб ба ҳамсолон мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд.

§4. Соҳаи афзалиятноки 3. Мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи гурӯҳҳои ҷавонони махсусан озордида

Ҷалби ҷавонон аз гурӯҳҳои махсусан осебпазир ҷиҳати дастрасӣ ба хизматрасонии тандурустӣ яке аз масъалаҳои асосии ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳанӯз дар ҷараёни таҳияи Барномаи мазкур лоиҳаи озмоишии ташкили хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҷуҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон» ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии «Насли наврас», «Хонаи ҷавонон» дар шаҳри Қӯрғонтеппа, иттҳодияҳои ҷамъиятии «Ғамхор» ва дар шаҳри Хуҷанд иттиҳодияи ҷамъиятии «Дина» ташкил карда шуда буд. Имрӯз ташкилотҳои мазкур ба сафи худ садҳо нафар ҷавонони оворагард ва бепарасторро ба сифати ихтиёрӣ ҷалб намудаанд ва миёни онҳо оид ба тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла пешгирии ВНМО/БПНМ корҳои таблиғотӣ мебаранд.

Дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи марти соли 2005 дар доираи Барномаи рушди саломатии ҷавонон нисбат ба ҷавонон аз гурӯҳҳои осебпазир хадамоти «Телефони боварии ҷавонон» таъсис дода шудааст. Кори хадамоти мазкур дар ҳамбастагӣ бо мутахассисони соҳаи равоншиносӣ, тиб ва ҳуқуқ, ҳамчунин соҳаи кор бо ҷавонон ба роҳ монда шудааст. Ҷавонон ба ин Хадамот одатан бо мушкилоти ҳаётӣ муроҷиат кардаанд, ки муҳимтарини онҳо аз масъалаҳои хуб набудани муносибат бо волидон, мунокишаҳо бо шахси дӯстдошта ва масъалаи сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда иборат мебошад. Чунин хадамоти «Телефони боварӣ барои ҷавонон» дар заминаи ташкилоти ҷамъиятии «Зӯҳро» низ таъсис ёфтааст, ки мунтазам мутахассисони он ҳам ба таври ғоибона ва ҳам шифоҳӣ бо ҷавонони ниёзманд кор мебаранд.

17-20 июни соли 2009 семинари байналмилалӣ дар мавзӯи «Дастрасии ҷавонони аз гурӯҳҳои осебпазир ба хизматрасонии хайрхоҳона дар бахши саломатӣ» баргузор гардид. Дар семинар намояндагони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои байналмилалию ҷамъиятии дахлдори кишварҳои Россия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ширкат варзиданд. Дар ҷараёни чорабинӣ иштирокчиён аз дастовардҳои Тоҷикистон дар самти саломатии ҷавонон дар маҳалҳо шинос шуданд.

§ 5. Соҳаи афзалиятноки 4. Иштироки ҷавонон дар барномаҳое, ки ба рушди саломатии ҷавонон, солимии репродуктивӣ, пешгирии сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда, ВНМО/БПНМ ва нашаъмандӣ нигаронида шудаанд

Ҷиҳати иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои ба рушди саломатии ҷавонон мусоидаткунанда намояндагони Кумита ва дигар вазорату идораҳои дахлдор ба Кумитаи миллии мубориза бар зидди БПНМ, сил ва табларзаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар гурӯҳҳои корӣ шомил гардидаанд, ки вобаста ба мушкилоти саломатии ҷавонон мунтазам кор мебаранд.

Ҷиҳати ташаббускории ҷавонон дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар доираи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 аз соли 2002 то имрӯз Стратегияи миллии "Ташаббусҳои хайрхоҳона нисбат ба ҷавонон" (СТХҶ) ташаккул дода шудааст, ки барои ҷавонон хизматрасонии дастрас, ихтиёрӣ, маҳрамона ва боваринокро таъмин менамояд.

Яке аз соҳаҳои афзалиятноки СТХҶ аз ҷалби ташкилотҳои байналмилалӣ ва фаъолнокии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ вобаста ба амалигардонии ташаббусҳо оид ба саломатии ҷавонон иборат мебошад.

Бо ҳамин мақсад, дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмилалӣ (Каре Интернэшнл, Тоҷикистон) ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Лоиҳаи солимии шаҳвонӣ ва репродуктивии наврасону ҷавонон дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон 30 марказҳои иттилоотию маърифатии хайрхоҳона ва 8 марказҳои тиббию машваратии хайрхоҳона барои ҷавонон таъсис дода шудааст, ки ҳайати марказҳои мазкурро асосан ихтиёриёни ҷавон аз ҳисоби хонандагон, донишҷӯён ва бекорон ташкил медиҳанд. Онҳо пайваста миёни ҳамсолони худ дар самти тарзи ҳаёти солим, пешгирии омилҳои номатлуб ва тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон чорабиниҳои гуногуни маърифатию иттилоотӣ созмон медиҳанд. Барои татбиқи Лоиҳаи мазкур 2,2 млн. доллари ШМА ҷалб гардидааст.

Доир ба масъалаҳои таҳия ва пахши барномаҳои махсусгардонидашуда оид ба масъалаҳои солимии репродуктивии наврасону ҷавонон аз ҷониби мутахассисони сохторҳои дахлдор дар якҷоягӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди ²укумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, инчунин, радио-викториниҳо, гуфтугӯҳои мустақим, шоу-барномаҳо гузаронида шуд, ки дар онҳо бевосита худи ҷавонон иштирок намуданд ва пахши ин гуна барномаҳо идома дорад.

70,4 фоизи ҷавонони деҳот, маҳз ҳамин гурӯҳи ҷавонон бинобар каммаълумотӣ ба бемориҳои гуногуни сироятӣ дучор мегарданд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба пешгирии ВНМО/БПНМ ва дигар омилҳои номатлуб

миёни ҷавонони деҳот дар ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ тариқи Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бо БПНМ, сил ва табларза Лоиҳаи пешгирии ВНМО/БПНМ байни ҷавонон деҳот аз моҳи сентябри соли 2007 инҷониб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида истодааст. Мақсади асосии Лоиҳа аз мусоидат ба паст кардани хавфи сироятёбӣ бо ВНМО/БПНМ ва бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолёбанда байни ҷавонони деҳот тавассути ташаккули усулҳои муосири фаъолият, васеъ намудани ҳамкориҳо дар гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ иборат буда, ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, дониш ва тағйир додани рафтори ҷавонон нигаронида шудааст.

Дар доираи Лоиҳа дар 51 шаҳру ноҳияҳои интихобгардидаи ҷумҳурӣ маҳфилҳои ихтиёрони ҷавон иборат аз 1500 ихтиёрӣ ва 150 омӯзгорон омода гардидаанд, ки мунтазам корҳои фаҳмондадиҳиро байни ҷавонони деҳот оид ба пешгирии ВНМО/БПНМ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» анҷом медиҳанд.

Ихтиёриён ва омӯзгорони Лоиҳа мунтазам аз ҷониби мутахассисони Хазинаи рушди СММ ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд. Инчунин дар доираи ҳамкориҳо бо Хазинаи рушди СММ мунтазам сафарҳои хориҷӣ ва дохилии таҷрибаомӯзии ихтиёриёни Лоиҳа аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол», барномаҳои радиоиву телевизионӣ ва театрӣ ташкил карда мешаванд.

Вобаста ба татбиқи Лоиҳаи пешгирии ВНМО/БПНМ байни ҷавонони деҳот тӯли солҳои 2007-2010 беш аз 3 млн. сомонӣ ҷалб гардид. Маҳз ҳамин Лоиҳа татбиқи принсипҳои асосии Стратегияи «Ташаббусҳои хайрхоҳона нисбат ба ҷавонон»-ро таъмин месозад.

## § 6. Соҳаи афзалиятноки 5. Рушди стратегияҳои коммуникатсионӣ

Дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бахшида ба рӯзҳои таърихӣ, Рӯзи ҳифзи кӯдакон –1 июн, Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза аллайҳи нашъамандӣ – 26 июн, Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза бар зидди БПНМ – 1 декабр ва ғайра мунтазам чорабиниҳои гуногуни маърифатию таблиғотӣ аз ҷониби мақомоти кор бо ҷавонон бо иштироки васеи ҷавонон ташкил ва гузаронида мешаванд. Дар натиҷаи ин чорабиниҳо ҳазорон нафар ҷавонон оид ба пешгирии ВНМО ва бемориҳои нашъамандӣ ва сироятии ҷинсӣ бо иттилооти зарурӣ таъмин мегарданд.

Инчунин, сохторҳои маҳаллии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола Маҳфили «Зарифон»-ро байни донишҷӯён ва Маҳфили ҳозирҷавобонро байни ҷавонони деҳот мунтазам доир менамоянд, ки дар ташкили ин чорабиниҳо ҳазорон наврасон ва ҷавонон бо шавқу рағбати зиёд иштирок мекунанд. Аз ҷумла, дар доираи чорабиниҳои Лоиҳаи «Пешгирии ВНМО/БПНМ байни

ҷавонони деҳот» бахшида ба 1150-солагии Рӯдакӣ ва Соли забони тоҷикӣ (2008), Соли бузургдошти Имоми Аъзам (2009) ва соли фарҳанги техникӣ ва маориф (2010) Маҳфили ҳозирҷавобон таҳти унвони «Саломатӣ ҳомии мо - ҷавонон» дар сатҳи баланди ташкилӣ доир гардид.

Ихтиёриёни Лоиҳа дар Амалиёти моҳона зери унвони «Мо ҷавонон-ҷонибдори тарзи ҳаёти солим» ва Марафони ҷумҳуриявӣ зери унвони «Танҳо дар якҷоягӣ бар СПИД ба пирӯзӣ муваффақ мешавем» фаъолона ширкат варзиданд. Бо ташаббуси онҳо ба таври васеъ дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо озмунҳои расмкашӣ, иншо ва мусобиқаҳои варзишии волейбол ва шоҳмот ҳамасола ташкил карда мешаванд.

Чунин тадбирҳо аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ва ташкилотҳои байналмилалию ҷамъиятӣ бо фарогирии ҳазорон ҷавонон мунтазам доир мегарданд.

Бо мақсади тарбияи маънавии наврасон дар 21 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ намоиши театрикунонидаи Театри ҷавонони ба номи М.Воҳидов дар мавзӯъҳои «Ҷанги нафс» ва «Тарзи ҳаёти солим» маърази тамошои наврасону ҷавонон гардид. Боиси зикр аст, ки гурӯҳи театрӣ аз 12 нафар наврасони касбӣ иборат буда, писанди тамошобинон мебошанд. Чунин намуди чорабиниҳо мувофиқи мақсад буда, ҷавононро бештар ба ибратомӯзӣ ва тағйир додани рафтору кирдор дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим ҳидоят менамояд.

## § 7. Соҳаи афзалиятноки 6. Мониторинг ва баҳодиҳӣ

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 вобаста ба чорабиниҳои мониторингӣ чунин тадбирҳо амалӣ гардиданд:

Маҳзани иттилоотии Лоиҳаи пешгирии ВНМО/БПНМ байни ҷавонони деҳот. Махзани мазкур яке аз дастовардҳои муҳими Барнома маҳсуб ёфта, ҷиҳати танзим, ҳамоҳангсозӣ ва рушди имкониятҳои Лоиҳаи пешгирии ВНМО/БПНМ байни ҷавонони деҳот ва Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, бо фарогирии 51 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ равона гардидааст.

Соли 2006 байни 11 ҳазор хонандагони 13-15 сола таҳқиқоти сотсиологии «Фаҳмиш ва ҷаҳонбинии кӯдакон дар самти тарзи ҳаёти солим» гузаронида шуд. Ин пурсиш нишон дод, ки сатҳи фаҳмиши кӯдакони 13-15- сола ниҳоят баланд буда, онҳо нисбат ба воқеаву ҳодисаҳои рухмедода бетараф нестанд. Таҳқиқоти мазкур барои ба роҳ мондани таълими “Тарзи ҳаёти солим” тавассути дарсҳои тарбиявӣ ва машғулиятҳои беруназсинфиву беруназмактабӣ замина гузошт.

# 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

Бегуфтугӯ ҳангоми таҳияи ҳама гуна стратегияи давлатӣ ҳолат ва мушкилоти дахлдор мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Боби, қисми мазкур ба таври мухтасар вазъи мавҷуда, мушкилот ва зарурати барои давраи навбатӣ қабул намудани Барномаи рушди саломатии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин вазъи саломатии ҷавононро фаро мегирад.

## § 1. Вазъи демографӣ

Тоҷикистон аз нигоҳи аҳолӣ дар миқёси ҷаҳон яке аз кишварҳои ҷавонтарин маҳсуб меёбад, зеро 70 фоизи аҳолиро насли ҷавон, яъне шахсони то 30 -сола ташкил медиҳанд ва дар таносуб ба синну соли миёнаи аҳолӣ 24,7 сол муқаррар гардидааст (Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2008 ва Омори сиёсати давлатии ҷавонон).

Вобаста ба таносуби ҷинсӣ 49,8 фоизи ҷавононро ҷавондухтарон ташкил медиҳанд, ки ба рушди имконоти демографӣ муносибати мустақим доранд.

Қисми зиёди (93 фоиз) қаламрави Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд ва аксари аҳолӣ дар деҳот умр ба сар мебарад. Мутаносибан 70,4 фоизи ҷавононро ҷавонони деҳот ташкил медиҳанд. Бинобар ин, проблемаҳои саломатӣ бештар маҳз ҳамин гурӯҳи ҷавононро фаро гирифтааст, зеро дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои зарурӣ маҳдуд мебошад.

## § 2. Вазъи ВНМО/БПНМ

Тибқи маълумоти мониторинги паҳншавии ВНМО дар соли 2010 (маълумоти сохторҳои дахлдори Вазорати тандурустӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 9992 нафар, ки бо ВНМО ё БПНМ зиндагӣ мекунанд, ба қайд гирифта шудаанд.

То моҳи декабри соли 2009 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 1853 ҳолатҳои сирояти ВНМО ошкор шудааст, аз ҷумла 431 ҳолатҳои нав, ки дар соли 2009 ба қайд гирифта шудааст ва шумораи фавтидагон аз ВНМО ба 245 нафар расид.

Таносуби мубталоии ҷавонони то 30- сола ба ВНМО 45,7 фоиз буда, он нисбат ба ҷавонони то 35- сола 60,3 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2008 9,1 фоиз афзудааст. 1,9 фоизи мубталогаштагонро кӯдакони то 14 -сола ташкил медиҳанд. Яъне, сину соли мубталошудагони ВНМО ҳамасола ҷавон шуда, метавонад ба генофонди миллат хавфи ҷиддӣ дошта бошад.

Ҳолатҳои мубталоӣ ба ВНМО байни занон низ рӯ ба афзоиш мебошад. Солҳои охир теъдоди занони бо ВНМО сироятёфта 3 маротиба афзудааст. Ҳамин тариқ, агар то охири соли 2005 шумораи ҳолатҳои ВНМО байни занон 8,5 фоизро ташкил дода бошад, пас соли 2009 ин рақам то 22,3 фоиз афзудааст. Инчунин, охири моҳи декабри соли 2009 105 ҳолати сироят ёфтани занони ҳомиладор ба қайд гирифта шудааст, ки 51,4 фоизи он танҳо ба соли 2009 рост меояд.

Маълумот дар бораи ҳолатҳои расман ба қайд гирифташудаи ВНМО дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки усули асосии гузаштани сирояти ВНМО тавассути сӯзандору мебошад. Аксари беморон (55,1 фоиз) бо чунин усул сироят ёфта, 27,2 фоизи мубталогаштагон тавассути алоқаи ҷинсӣ сироят ёфтаанд.

Новобаста аз тадбирҳои андешида дар кишвар сатҳи маълумотнокии аҳолӣ оид ба ВНМО/БПНМ паст аст. Тибқи маълумоти таҳқиқотӣ (МИКИ, 2005) танҳо 41 фоизи аҳолӣ, аз ҷумла 23 фоизи ҷавонони 15-19- сола дар бораи ВНМО/БПНМ маълумот доранд. Тибқи пурсиш танҳо 11,4 фоизи пурсидашудагон роҳҳои дурусти гузариши ВНМО-ро тасдиқ кардаанд. Инчунин, ҳамагӣ 12,7 фоизи занон ва 4,8 фоизи ҷавонони 15-19- сола ҷойҳои гузаштани ташхисро (тест) нисбат ба ВНМО нишон дода тавонистанд.

Рақамҳои боло инъикоскунандаи вазъи воқеъӣ буда, таваҷҷӯҳи бештари масъулинро нисбат ба пешгирии ВНМО ва дигар мушкилоти вобаста ба он тақозо мекунад.

## § 3. Сатҳи ВНМО/БПНМ ва БВАҶГ байни муҳоҷирони меҳнатӣ

Дар шароити ҷомеаи муосир муҳоҷирати меҳнатӣ ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт табдил ёфтааст, зеро ҷиҳати ба танзим даровардан ва самаранокии ин тамоил ҳам давлатҳои қабулкунанда ва ҳам давлатҳои равонкунанда манфиатдоранд.

Вале, дар баробари манфиатнокӣ тамоили мазкур мушкилоти зиёдеро низ дар бар мегирад, аз ҷумла дар самти тандурустии муҳоҷирони меҳнатӣ. Одатан ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҷавонмардон сафар мекунанд ва воқеъист, ки қисми бештари онҳо ҳангоми буду бош дар кишвари қабулкунанда бо шахсони тасодуфӣ (занон) алоқаи ҷинсӣ мекунанд, ки оқибати он мубталоӣ ба бемориҳои гуногуни сироятии ҷинсӣ, аз ҷумла ВНМО мебошад.

Ҳамин тариқ, то 1 апрели соли 2010 тибқи омори расмӣ 211 ҳолатҳои мубталои муҳоҷирони меҳнатии баргашта ба қайд гирифта шудааст, ки ихтиёран аз ташхис гузаштаанд. Дар асл аксарияти муҳоҷирони меҳнатии баргашта аз ташхиси тиббӣ намегузаранд, ки оқибат ба афзоиши чунин навъи бемориҳо оварда мерасонад.

Ташвишовар он аст, ки солҳои охир синну соли муҳоҷирони меҳнатӣ ҷавон шуда истодааст. Дар соли 2003 агар 44 фоизи муҳоҷирони меҳнатиро ҷавонони 18-29- сола ташкил медоданд, пас ин таносуб дар соли 2009 ба 67 фоиз, яъне аксарият ҷавон мебошанд. Маҳз ҳамин гурӯҳи аҳолӣ ба ҳама гуна муносибатҳои ҳаётӣ, аз ҷумла вобаста ба муносибатҳои шаҳвонӣ бештар моил мебошад.

§ 4. Вазъи нашъамандӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ худ дар роҳи транзити маводи нашъаовар ҷойгир шудааст, ки ин омил ба афзоиши нашъамандӣ мусоидат менамояд.

Мувофиқи омори расмӣ (Вазорати тандурустӣ) то 1 июли соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7347 ҳолатҳои нашъамандӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 37,7 фоизи онро ҷавонони 18-29- сола ташкил медиҳанд.

Тибқи маълумоти расмӣ, паҳншавии ВНМО байни нашъамандони тазриқӣ аз 16 фоиз дар соли 2005 то 17,3 фоиз дар соли 2009 афзудааст. Ин афзоиши начандон калон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вазъи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусияти эпидемиявӣ мебошад. Сол то сол нигоҳ пешгирии паҳншавии ин бемори душвортар мегардад.

Гурӯҳҳои асосии таҳти хатари нашъамандӣ қарордошта шахсони пешниҳодкунандаи хизматрасонии шаҳвонӣ ва нашъамандони тазриқӣ мебошанд. Як қисми ин гурӯҳҳо маблағи ба даст овардаашонро барои хариди маводи мухаддир сарф мекунанд, ки ин вазъ боиси боз ҳам баланд шудани ҳолатҳои мубталоӣ ба ВНМО мегардад.

Инчунин, ҳолатҳои зиёди нашъамандию нашъаҷалобӣ байни ҷавонони ноҳияҳои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба назар мерасад, ки ин боиси нигаронии аҳли ҷомеа гардидааст.

§ 5. Одатҳои номатлуб, аз ҷумла вазъи сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда (СТАҶИ) байни ҷавонон

Сабаби асосии пайдоиши аксарияти бемориҳо худи шахс, маданияти пасти беҳдоштӣ, тарзи носолими ҳаёт ва муносибати манфӣ нисбат ба саломати худ мебошад. Мувофиқи маълумоти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ солимии инсон пеш аз ҳама (55 фоиз) ба тарзи ҳаёти солим алоқаманд мебошад. Вале муттаасифона на ҳама ин  ин ҳақиқатро ба хубӣ дарк  мекунанд.

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки боиси одатҳои номатлуб мегарданд. Истеъмоли нос ва сигор барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҷавонон аз қабили

кирдорҳои муқаррарӣ маҳсуб меёбанд, яъне ин омили номатлуб ба одат табдил ёфтааст, ки боиси нигаронист.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манъ кардани кашидани тамоку дар ҷойҳои ҷамъиятӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд ва он тадбири саривақтӣ буда, татбиқи он тарғиботи мунтазамро тақозо мекунад.

Одати дигари номатлуб, ки тавваҷӯҳи хосро талаб мекунад, ин оворагардӣ ва машғул шудани наврасон ба корҳои ношоям мебошад. Вобаста ба ин тамоюл дар сатҳи ҷумҳурӣ системаи махсуси оморӣ мавҷуд нест ва барӯйхатгирии онҳо аз ҷониби соҳаҳои дахлдор тибқи талаботи соҳавӣ сурат мегирад, ки оид ба буду боши наврасони оворагард иттилооти пурраро фаро намегирад. Тибқи маълумоти таҳқиқотӣ дар ҷумҳурӣ ҳудуди 13 ҳазор наврасон асосан дар шаҳрҳои калон ба монанди Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва ғайра ба оворагардӣ машғул ҳастанд. Шуғли номатлуби ин гурӯҳи ҷомеа асосан аз қабили талбандагӣ, мошиншӯӣ, сипанддуддиҳӣ, бӯй кардани ширеш, бензин ва ғайра дар кӯчаҳои калон, ҷойҳои серодам, бозор ва мағозаҳои калон иборат аст.

Танфурӯшӣ ва ё алоқаи ҷинсии тиҷоратӣ аз қабили одатҳои номатлуб ва муқарраріи қисми муайяни ҷавонзанон ба ҳисоб меравад. Вобаста ба омили мазкур низ махзани иттилоотии махсус мавҷуд нест, то шахсият ва мушкилоти тамоилдоштагон нисбат ба ин одати номатлуб муайян гардад.

Коркунони шаҳвонии тиҷоратӣ асосан занон мебошанд. Ин гурӯҳ бо сабаби доштани шумораи зиёди мизоҷон ва имконияти ками таъмини алоқаи ҷинсии бехатар ниҳоят сироятпазир буда, ҳавфи гирифтор шудани онҳо ба ВНМО баланд аст.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар беш аз 1100 нафар (ва дар шаҳри Душанбе 225 нафар) ҷавондухтарон ба фоҳишагӣ машғул буда, аксари онҳо бекор ва ё шуғли доимӣ надоранд. Вале мутобиқи маълумоти арзёбии паҳншавии ВНМО дар соли 2003 8000 нафар ва дар соли алоқаи 2009 мутаносибан 12500 нафар муайян гардидаанд, ки ба алоқаи ҷинсии тиҷоратӣ машғуланд. Ин афзоишро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки насли ҷавон ба масъалаҳои ҳаётан муҳими зиндагии худ камтар таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд, ҳамчунин бояд паст будани имкониятҳои иқтисодии ҳар як шахсро дар алоҳидагӣ ба инобат гирифт.

Тибқи маълумоти назорати эпидимиологӣ соли 2008 2,8 фоизи шахсони ба алоқаи ҷинсии тиҷоратӣ машғулбуда бо ВНМО сироят ёфтаанд. Ғайр аз ин, байни занон бинобар истифодаи маводи мухаддири тазриқӣ хатари баланди сироятшавӣ бо ВНМО мавҷуд аст. Тибқи маълумоти расмӣ 11 фоизи нашъамандони тазриқӣ занон мебошанд.

Сатҳи ташкили чорабиниҳои пешгирикунандаи ҳолатҳои танфурӯшӣ ҷавобгӯи талаботи воқеъӣ намебошад, зеро сабаби асосии

паҳн гардидани ВНМО миёни ин қишри ҷомеа ба паст будани сатҳи маълумотнокӣ алоқаманд аст.

Тайи солҳои 2005-2006 ҳолатҳои ВНМО байни шахсони ба тиҷорати алоқаи ҷинсӣ машғулбуда аз 0,7 фоиз то 3,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2008 25,5 фоизи ҳолатҳои мубталоӣ ба ВНМО ба алоқаи ҷинсӣ алоқаманд мебошад.

Ғайр аз ин, ҳолатҳои дигари СТАҶИ низ миёни шахсони ба тиҷорати алоқаи ҷинсӣ машғулбуда зиёд аст, аз ҷумла ҳолатҳои оташак (сифилис) 12 фоизро ташкил медиҳад.

## § 6. Тарбияи ҷисмонӣ ва рӯҳии ҷавонон

Тарбияи ҷисмонӣ барои инсон яке аз падидаҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим маҳсуб меёбад, ки онро тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфтаанд.

Иштирокчиёни асосии тарбияи ҷисмониро ва варзишро насли ҷавон ташкил медиҳад, ки дорои нерӯ ва иродаи қавӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо роҳи ташаккул ва рушди имконоти варзишӣ метавон насли ҷавонро аз вартаи омилҳои номатлуб раҳоӣ бахшид. Вале, муттаасифона айни ҳол дар кишвар чунин имконот ба таври васеъ фароҳам оварда нашудааст, ҳарчанд хароҷоти зиёдро талаб намекунад.

Имрӯзҳо на ҳамаи муассисаҳои таълимӣ имкон доранд дар сатҳи зарурӣ фанҳои тарбияи ҷисмониро амалӣ намоянд, зеро соатҳои муқарраргардида ихтисор гаштаанд ва ё таҷҳизоти зарурии дарсию таълимӣ надоранд.

Инчунин майдончаҳои варзишӣ ба корхонаву ташкилотҳо ва ё манзилҳои истиқоматӣ табдил ёфтаанд. Вобаста ба деҳот метавон зикр намуд, ки дар қисми зиёди қитъаҳои аҳолинишин майдончаҳои варзишӣ умуман вуҷуд надоранд ва ҷавонон маҷбуранд майдонҳои холиро (дар аксар ҳолатҳо майдонҳои пахта ва ё шудгоршударо) барои футбол, волейбол ва дигар бозиҳои варзишӣ истифода намоянд.

Вобаста ба солимгардонии аҳолӣ ва наврасон метавон зикр намуд, ки айни ҳол дар аксари хонаҳои бисёрошёна майдончаҳои солимгардонию варзишӣ ва фароғатӣ аз кор баромадаанд ва ё умуман вуҷуд надоранд, ки боиси камфаъолии ҷисмонии кӯдакон ва наврасон, инчунин афзоиши омилҳои номатлуб миёни онҳо гардидааст.

Тибқи тартиби муқарраргардида бояд тамоми муассисаҳои таълимӣ майдончаҳои махсусгардонидаи варзишӣ дошта бошанд, вале мутаасифона на ҳамаи мактабҳои таълимӣ бо чунин шароит таъмин гардидаанд. Дар баробари ин, мактабҳои таълимии дорои имконоти варзишию солимгардонӣ баъди соатҳои дарсӣ дарвозаҳоро баста, даромадро ба қаламрави мактаб манъ мекунанд.

Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи навбатии Барнома масъалаҳои ташаккул ва рушди имконоти варзиши оммавӣ ва тарбияи ҷисмонии наврасон ва ҷавонон таввасути барқаррорсозии хадамоти варзишӣ ва солимгардонӣ, аз ҷумла, майдонҳои варзишӣ, дастрасии имконоти мактабҳо ва ғайра мавриди баррасӣ ва татбиқ қарор мегиранд.

§ 7. Имкониятҳои гендерӣ

Дар шароити кунунӣ, ки қисми зиёди аҳолии ҷумҳуриро занон ташкил медиҳанд, вобаста ба урфу одатҳои қолабии кӯҳнашудаи мардумӣ маҳз ҳамин қишри ҷомеа ба мушкилоти зиёди ҳаёт, аз ҷумла ба маҳдуд будани хизматрасонии тиббию машваратӣ дучор гардидаанд. Аз ин лиҳоз, ҳамзамон бо фароҳам овардани имконоти (баробарии) гендерӣ ба бартараф кардани мушкилоти ҷавонзанон ҷиҳати дастрасии хизматрасонии тиббию машваратӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мегардад.

Тибқи «Омори сиёсати давлатии ҷавонон – 2008» ҳамагӣ 36,2 фоизи ҷавонон ба таҳсил фарогирифтаро духтарон ташкил медиҳанд, ки ин таносуб дар макотиби олӣ 16 фоиз, коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои касбӣ 22,1 фоиз мебошад. Яъне, тақрибан аз 100 ҷавондухтар 65-70 нафар дорои маълумоти махсуси зарурӣ нестанд, то ин ки дар ҳаёти ҳамаррӯза фаъол бошанд ва ё касбе дошта бошанд, ки соҳиби шуғл гарданд.

Ҳамин тариқ, маҳз каммаълумотӣ боиси ба бемориҳои гуногун аз қабили ВНМО/БПНМ, СТАҶИ, сил ва табларза дучор шудан ҷавонзанон гардидааст. Инчунин, хонадоршавии барвақтӣ, ҳомиладории пеш аз мӯҳлат, бар замми ин солимии ноустувори репродуктивӣ низ ба камсаводии ҷавонзанон алоқаманд мебошад.

§ 8. Солимии репродуктивӣ ва танзими оила

Дар аксари давлатҳои ҷаҳон дар даҳсолаи охир ҷараёни зуд ба воя расидани наврасон мушоҳида карда мешавад. Аксар вақт инкишофи босуръати равонӣ ва ҷисмонӣ боиси оғози бармаҳали ҳаёти ҷинсӣ мегардад. Дар баробари ин сатҳи пасти тафаккур дар соҳаи маърифати ҷинсӣ ва малакаҳои ҳаётӣ оид ба саломатӣ ба солимии репродуктивии наврасон таъсири манфӣ расонида, ба ҳомиладории бармаҳал мусоидат менамояд, хавфи сирояти бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда ва ВНМО/БПНМ-ро зиёд мекунад.

Мутобиқи маълумоти таҳқиқотӣ (ХК СММ, 2005) ҳолатҳои зиёди никоҳи барвақтӣ ба назар мерасад. Тақрибан 1 фоизи ҷавонзанони 15-49-сола хонадоршавии худро то синни 15- солагӣ иброз кардаанд. Вале, 15 фоизи ҷавонзанони 20-49- сола то синни 18 аллакай хонадор шудаанд. Хонадоршавии барвақтӣ бештар байни ҷавонзанони каммаълумот, ки танҳо таҳсили ибтидоӣ доранд, ба назар мерасад.

Тибқи маълумоти Маркази солимии репродуктивии шаҳри Душанбе ҳангоми тақсимбандии ҳомиладоршавии наврасон муайян гардид, ки 0,7 фоизи таввалуд ба синни 14-15, 2,5 фоиз ба синни 16-17 ва 8,2 фоиз ба синни 18-19 рост меояд. Яъне, сатҳи ҳомиладоршавии наврасон хеле зиёд буда, пастшавии он ҳоло ба мушоҳида намерасад. Ҳамчунин, сабаби зуҳуроти мазкур ба дастрас набудани хизматрасонии тиббӣ ва сатҳи пасти иттилооти наврасон оид ба усулҳои танзими оила алақаманд аст, ки боиси нигаронӣ мебошад.

Ҳомиладоршавии наврасон чун қоида ғайримақбул буда, дар 80-90 фоизи ҳолатҳо ба исқоти ҳамл анҷом меёбад. Аз шумораи умумии исқоти ҳамл, 11 фоиз ба ҷавонони 20- сола рост меояд. Инчунин, афзоиши исқоти ҳамл байни шахсони 15-20 -сола то 2,1 фоиз ба назар мерасад.

Асосан сабабҳои ногувор гардидани солимии репродуктивии наврасон аз паст будани сатҳи маълумотнокӣ ва ташвишҳою нигаронӣ нисбат ба ҳаёти шахсӣ иборат аст.

Тибқи таҳлилҳои ХК СММ 22,3 фоизи наврасон тасдиқ намуданд, ки исқоти ҳамл боиси безурётӣ мегардад, вале 73,6 фоиз ҳангоми ҷавоб мушкилӣ кашиданд (яъне, маълумоти кофӣ надоранд) ва 4,1 фоиз зарар надоштани оқибати исқоти ҳамлро зикр намуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти ХК СММ байни синфҳои 7-9 дар соли 2006 нишон дод, ки наврасон ба сифати манбаъҳои асосии иттилоот 55,3 фоиз ба телевизион ва радио, 23,5 фоиз ба мактаб ва танҳо 2,6 фоиз ба оила ишора намудаанд.

Вале тибқи маълумоти таҳқиқотии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 наврасон ба сифати манбаи асосии маълумотнокӣ тақрибан 53 фоиз ба ҳамсолон ва 5,7 фоиз ба волидону муаллимонро ишора карда буданд.

## § 9. Иштироки воситаҳои ахбори омма

ВАО дар ҷодаи иттилоотонии аҳли башар ҳамеша дар сафи пеш қарор дорад, зеро он ҳамеша дастрас буда, ҳар шахс ҳангоми зарурат маҳз ба ҳамин манбаъ рӯй меорад. Дигар манбаъҳои иттилоотӣ, аз қабили китобу дастурҳои илмию амалӣ, ташкилоту муассисаҳо ва махзанҳо барои аксарият нисбат ба имконоти ВАО камтар дастрас мебошанд. Барои тақвияти гуфтаҳо метавон таҳқиқоти ХК Созмони Милали Муттаҳидро миёни синфҳои 7-9 дар соли 2006 мисол овард, ки наврасон ба сифати манбаъҳои асосии иттилоот оид ба ВНМО 55,3 фоиз ба телевизион ва радио, 23,5 фоиз ба мактаб ва танҳо 2,6 фоиз ба оила ишора намудаанд.

Новобаста аз ин, сатҳи иштироки ВАО дар ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароити ҷомеаи муосир паст аст. На ҳамаи аъзои ВАО то ҳол мубрамии мушкилоти саломатии аҳли ҷомеаро ба хубӣ дарк кардаанд. Қисми зиёди ВАО агар дархосте ҳам дар

самти беҳдошти вазъи саломатӣ қабул намоянд, дарҳол пардохти маблағи хизматрасониро талаб мекунанд, ки ин нишони камфаъолӣ ва бетарафии онҳо дар ташаккули тарзи ҳаёти солими аҳли ҷомеа мебошад. Дар асл ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки баъзе ВАО ҳамчун фармоиши иҷтимоӣ, яъне бо нархгузории нисбатан камтар барномаҳои бахшида ба солимиро пахш менамоянд, вале ин ибтикор камтар дида мешавад.

§ 10. Имконоти молиявии татбиқи Барнома

Дар натиҷаи давраи нахустини Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, ки маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ пешбинӣ нашуда буд, бо ҷалби маблағгузории ғайрибуҷетӣ дар ҳаҷми беш аз 5 миллион доллари ШМА ё 22,5 милион сомонӣ комёбиҳои зиёд ба даст омад.

Дар баробари ин камбудии асосие, ки омили ногувор дорад, ин маблағгузорӣ нагардидани Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад.

Афзалиятнокии ҳама гуна Барномаи давлатӣ дар сатҳи миллӣ дар ҷаҳони муосир бо маблағгузории давлатӣ муайян карда мешавад, яъне таҳти маблағгузории давлатӣ қарор нагирифтани Барнома аз афзалиятнок набудани он гувоҳӣ медиҳад.

Агар чунин вазъро нисбат ба сиёсати инвеститсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намоем, пас тибқи меъёрҳои байналмилалӣ он барномаҳое дар сатҳи байналмилалӣ пазируфта мешаванд, ки агар онҳо аз қабили афзалиятҳои давлатӣ, бо назардошти саҳмгузории молиявии (давлатӣ), маҳсуб ёфта, хусусияти миллӣ дошта бошанд.

Воқеан, ҳангоми муайян кардани саҳми маблағгузории давлатӣ имкони ҷалби маблағгузории ғайрибуҷетӣ, инчунин имконпазирии ҷалби саҳмгузории хазинаҳои байналмилалӣ вобаста ба татбиқи чорабиниҳои Барнома ба маротиб (5-10 маротиба) афзоиш меёбад.

Аз ин рӯ, таҳрири нави Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 бо назардошти маблағгузорӣ аз ҳисоби Буҷети давлатӣ таҳия гардидааст.

## 3. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

Мақсади асосии Барнома аз беҳбуди вазъи саломатии наврасон ва ҷавонон тавассути паст намудани таъсири рафторҳои хавфнок ва одатҳои номатлуб, аз қабили муносибатҳои тасодуфии шаҳвонӣ, нашъамандӣ, сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда ва ВНМО/БПНМ иборат мебошад.

§ 1. Вазифаҳои Барнома

Татбиқи босамари стратегияи миллии «Ташаббусҳои хайрхоҳона нисбат ба ҷавонон» ва ба ин васила мусоидат ба ташаккул ва рушди ҳаракатҳои ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла деҳот.

Пешгирӣ ва паст кардани таъсири рафторҳои хавфнок ва одатҳои номатлубивобаста ба масъалаҳои муносибатҳои тасодуфии шаҳвонӣ, нашъамандӣ, сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшавандава ВНМО/БПНМ бо роҳи беҳбуди шароит ҷиҳати дастрасии иттилоот ва маълумот, ташаккули малакаҳои ҳаётӣ дар соҳаи саломатӣ.

Мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла гурӯҳҳои осебпазир оид ба дастгирии иҷтимоию ҳуқуқӣ, баробарҳуқуқии гендерӣ ва иштироки ҷавонон дар барномаҳои мақсадноке, ки ба рушди саломатӣ равона гаштаанд.

Фаъол гардонидани иштирок ва баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии ҷавонон дар татбиқи барномаҳои мақсаднок, ки ба рушди саломатӣ нигаронида шудаанд.

Фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таъмини хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон.

Мусоидат ба рушди имконоти хадамоти варзишию солимгардонии кишвар ҷиҳати ҷалби наврасон ва ҷавонон барои ташаккули тарзи ҳаёти солим.

Фаъол намудани иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла раисони маҳаллаҳо ва ходимони диннӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид ва имконоти васеъ ҷиҳати беҳдошти вазъи саломатии ҷавонон, аз ҷумла ҷавондухтарон.

## 4. СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМА

Иштироки ҷавонон дар чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва оммавӣ вобаста ба татбиқи стратегияи «Ташаббусҳои хайрхоҳона нисбат ба ҷавонон».

Рушди имкониятҳо ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла фаъолгардонии ҷомеаҳои маҳаллӣ.

Иштироки ВАО дар иттилоотонии наврасон ва ҷавонон оид ба масъалаҳои ВНМО/БПНМ, СТАҶИ, нашъамандӣ, одатҳои номатлуб, солимии репродуктивӣ ва танзими оила.

Ташаккул ва рушди имкониятҳо оид ба хизматрасонии хайрхоҳона ба наврасон ва ҷавонон аз гурӯҳҳои осебпазир (шахсони гирифтори ВНМО/БПНМ, нашъамандон, оворагардон, муҳоҷирони меҳнатӣ, шахсони ба тиҷорати алоқаи ҷинсӣ шуғлдошта, наврасон ва ҷавонони аз озодӣ маҳрумгардида).

Рушди имкониятҳо дар самти тарбияи ҷисмонӣ, варзишию оммавӣ ва ҳарбию мудофиавии наврасон ва ҷавонон.

Гендер, дастарсии ҷавондухтарон ба хизматрасонӣ, солимии репродуктивӣ ва танзими оила.

## 5. ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар солҳои истиқлолият, бо вуҷуди мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ, дар ҷумҳурӣ барои рушди амалиёти ҳамаҷониба дар самти саломатии ҷавонон тадбирҳои муҳим андешида шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон, ба монанди «Конвенсия дар бораи аз байн бурдани ҳамагуна табъиз нисбат ба занон» ва «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак»-ро тасдиқ намуд.

Бо қабул кардани санадҳои ҳуқуқии дахлдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои меҳнат ва оила, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам ва бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният, «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», «Дар бораи маводи нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо», «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» қонунгузорӣ дар самти ҳифз ва беҳтар кардани саломатии ҷавонон заминаи устувор пайдо кард. Дар онҳо чунин мафҳумҳо пешбинӣ карда шудаанд: баробарии марду зан дар оила, ҳуқуқи зан оид ба мустақилона ҳал намудани масъалаи модаршавӣ, ҳуқуқи ҷавонон ба иттилоот ва хизматрасонӣ дар соҳаи солимии репродуктивӣ, истифодаи ихтиёрии воситаҳои пешгирии ҳамл, иштироки ҷавонон дар барномаҳои маърифатӣ ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» принсипҳои асосии ҷалби ҷавонон ва иштироки бевосита дар ташаккул ва татбиқи сиёсат ва барномаҳо, ки ба онҳо дахл дорад, муайян карда шудаанд. Манбаи меъёрии ҳуқуқӣ ва механизми татбиқи иштирок ва дастгирии иҷтимоии ҷавонон дар моддаҳои 22 ва 23 қайд карда шудаанд.

Масъалаҳои ҳифз ва беҳтар гардонидани саломатии ҷавонон дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ: «Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ» ва «Расидан ба ҳадафҳои рушди ҳазорсола», ки барои аз байн бурдани нобаробарӣ байни ҷинсҳо дар соҳаи маълумоти ибтидоӣ ва миёна, паст кардани сатҳи фавти модарон ва кӯдакон, беҳтар намудани хизматрасонӣ ва пешгирӣ намудани хатари паҳншавии ВНМО/БПНМ равона гардида, инъикоси худро ёфтаанд.

# 6. НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ БАРНОМА

| Соҳаҳои афзалиятнок/чорабиниҳо | | Мӯҳлат | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| Соҳаи афзалиятноки 1. Иштироки ҷавонон дар чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва оммавӣ вобаста ба татбиқи стратегияи «Ташаббусҳои хайрхоҳона нисбат ба ҷавонон» | | | |
| 1. | Баргузории ҷаласаҳои Шӯрои байнисоҳавии ҳамоҳангсозӣ оид ба баррасии ҳолат, мушкилот ва пешомадҳо вобаста ба татбиқи Барнома | Ҳар семоҳа | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ |
| 2. | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои иштироки фаъол ва баланд бардоштани мақоми сарварӣ ва ҳамкории байнисоҳавӣ дар самти рушди сиёсати хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ |
| 3. | Таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки хизматрасонии махфиро барои наврасони аз 10 то 16 -сола таъмин менамоянд | 2011-2012 | Вазорати тандурустӣ, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ |
| 4. | Таҳия ва татбиқи стратегияҳои коммуникатсионӣ оид ба тағйир додани рафтор ва паст намудани хавф нисбат ба СТАҶИ, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ ва варзиши оммавӣ | 2011 | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, кор бо занон ва оила, вазоратҳои тандурустӣ, маориф, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ |
| 5. | Васеъ гардонидани имконоти барномаҳои мавҷудаи таълимӣ, воситаҳои таълимию методӣ, пешниҳодот оид ба омӯзиши малакаҳои ҳаётӣ дар соҳаи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии миёна ва олӣ | 2011-2012 | Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ |
| 6. | Табодули таҷриба тавассути сафарҳои таълимию омӯзишӣ ба кишварҳои дорои таҷрибаи амалии хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 7. | Таҳияи механизми ягонаи сертификатсияи хадамоти хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | 2011 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 8. Таҳияи барномаҳои омӯзишӣ, модулҳо ва маводи иттилоотӣ барои чорабиниҳои маърифатию таблиғотӣ барои хизматчиёни соҳаи хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | 2011-2012 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ |
| 9. Татбиқ, ҳамоҳангсозӣ ва паҳн кардани стандарти омӯзишӣ аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» миёни сохторҳои дахлдор, аз ҷумла системаи маориф | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ |
| 10. Ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ аз рӯи усули «Дониш, муносибат, амал ва рафтор» нисбат ба СТАҶИ, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ, одатҳои номатлуб ва таҳияи тавсияҳо оид ба хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | 2011 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 11. Дастгирӣ ҷиҳати таъмини устуворӣ ва мустақилияти фаъолияти марказҳои иттилоотию маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон ва марказҳои тиббию машваратии ҷавонон дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон | 2011-2012 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати тандурустӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 12. Васеъ гардонидани модели марказҳои иттилоотию маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон ва марказҳои тиббию машваратии ҷавонон дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 2011-2013 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати тандурустӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 13. Таъсиси марказҳои имконоти ҷавонон ҷиҳати омӯзиш ва устувор гардонидани нерӯи кадрии ташкилотҳои дахлдор ва ҳаракатҳои ҷавонон, аз ҷумла маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | 2011-2012 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 14. Дастгирӣ ҷиҳати таъмини устувории фаъолияти ташаббусҳои ҷавонон, аз ҷумла маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти баргузории чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар маҳалҳо | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 15. Таҳия, нашр ва паҳн намудани маводи таълимию иттилоотӣ | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 16. Таҳия ва нашри маҷаллаи даврӣ оид ба татбиқи чорабиниҳои Барнома | Ҳар семоҳа | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 17. Дар муассисаҳои таълимӣ гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати пешгирии СТАҶИ, ВНМО/БПНМ ва нашъамандӣ | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, вазоратҳои маориф, тандурустӣ, корҳои дохилӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Соҳаи афзалиятноки 2. Рушди имкониятҳо ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла фаъолгардонии ҷомеаи маҳаллӣ | | |
| 18. Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амалӣ ҷиҳати дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон | 2011 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ |
| 19. Баргузории ҷаласаҳои Иттиҳодияи Ташкилотҳои Ҷавонони Тоҷикистон (ИТҶТ) оид ба баррасии масъалаҳои ҳолат ва пешомадҳо дар самти рушди имконоти ҷомеаи шаҳрвандӣ | Ҳар семоҳа | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ |
| 20. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои иштироки фаъол ва баланд бардоштани мақоми сарварӣ ва таъсиррасонӣ байни шахсони бонуфузи маҳаллаҳо ва ходимони динӣ дар самти рушди сиёсати хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | 2011 | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, кор бо занон ва оила, Вазорати корҳои дохилӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 21. Дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои ҷавонон ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ дар маҳалҳо, аз ҷумла дар деҳот | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 22. Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ дар деҳот оид ба пешгирии омилҳои номатлуб, СТАҶИ, ВНМО ва нашъамандӣ дар самти саломатӣ аз нигоҳи дини Ислом | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, кор бо занон ва оила, вазоратҳои тандурустӣ, корҳои дохилӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| Соҳаи афзалиятноки 3. Иштироки ВАО дар иттилоотонии наврасон ва ҷавонон оид ба масъалаҳои ВНМО/БПНМ, СТАҶИ, нашъамандӣ, одатҳои номатлуб, солимии репродуктивӣ ва танзими оила | | |
| 23. Таҳияи стратегияи ҳамкориҳои судманд бо ВАО, аз ҷумла шабакаҳои радиоӣ ва телевизионии кишвар | 2011 | Кумитаҳои телевизион ва радио, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, Агентии назорати маводи нашъаовар, вазоратҳои тандурустӣ, корҳои дохилӣ |
| 24. Рушди имконоти техникӣ ва коммуникатсионии ҷомеаи муосир ва ташаккули механизми паҳн намудан ва мубодилаи иттилоот дар бахши тарзи ҳаёти солим таввасути ВАО, аз ҷумла шабакаҳои мобилӣ | 2011-2012 | Кумитаҳои телевизион ва радио, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, оид ба корҳои дин, Агентии назорати маводи нашъаовар, вазоратҳои тандурустӣ, корҳои дохилӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, ташкилотҳои байналмилалӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 25. Ба роҳ мондани барномаҳои доимии радио ва телевизион, рӯзномаҳо ва маҷҷалаҳо бо иштироки ҷавонон | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио, оид ба корҳои дин, кор бо занон ва оила, шабакаҳои телевизионӣ ва дигар намояндагони ВАО, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 26. Ташкили озмун - барномаҳои телевизионӣ дар бахши ташаккули тарзи ҳаёти солими наврасон ва ҷавонон | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио, оид ба корҳои дин, кор бо занон ва оила, шабакаҳои телевизионӣ ва дигар намояндагони ВАО, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 27. Ба танзим даровардани фаъолияти марказҳои дилхушӣ, дискоклубҳо ва ҷойҳои истироҳатию фароғатии ҷавонон | 2011 | Вазоратҳои корҳои дохилӣ, тандурустӣ, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила |
| 28. Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ ва тарғиботӣ вобаста ба татбиқи чорабиниҳои Барнома | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 29. Таъсиси сомонаи ягонаи интернетӣ оид ба хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон дар бахши саломатӣ | 2011 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 30. Рушди имконоти (дастгирии) хадамоти «Телефони боварӣ» барои наврасон ва ҷавонон ва таъсиси хадамоти ҳаммонад дар минтақаҳои кишвар | 2011-2012 | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, занон ва оила, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| Соҳаи афзалиятноки 4. Ташаккул ва рушди имкониятҳо оид ба хизматрасонии хайрхоҳона ба наврасон ва ҷавонони аз гурӯҳҳои осебпазир (шахсони гирифтори ВНМО/БПНМ, нашъамандон, оворагардон, муҳоҷирони меҳнатӣ, шахсони ба тиҷорати алоқаи ҷинсӣ шуғлдошта, наврасон ва ҷавонони аз озодӣ маҳрумбуда) | | |
| 31. Таҳияи механизм доир ба васеъ намудани шабакаи хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон бо имкониятҳои дастрас нисбат ба гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | 2011 | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, вазоратҳои тандурустӣ, корҳои дохилӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 32. Гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ оид ба вазъи иҷтимоӣ - иқтисодии гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир ва мавқеъи онҳо дар ҷомеаи муосир | 2011 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Маркази тадқиқоти стратегӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| 33. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ тибқи принсипи пешбарию дастгирии манфиатҳои гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, вазоратҳои тандурустӣ, корҳои дохилӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 34. Таҳия ва нашри барномаҳои омӯзишӣ ва маводи маърифатию иттилоотӣ барои гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | 2011-2012 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 35. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ оид ба ҷорӣ кардани табобати метадонии ивазкунанда барои истифодабарандагони маводи нашъадори тазриқӣ | Мунтазам | Вазорати тандурустӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 36. Таъсиси марказҳои офиятию иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир дар самти хизматрасонии хайрхоҳона дар бахши саломатӣ | 2011-2012 | Вазоратҳои тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 37. Ташкили хадамоти машваратию психологӣ бо дарназардошти принсипҳои амалии хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | 2011 | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 38. Пурзӯр кардани неруи кадрӣ ва техникии муассисаҳои тандурустӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати хизматрасонии хайрхоҳона ба гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | 2011 | Вазоратҳои тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 39. Баргузории машғулиятҳои (тренингҳои) омӯзишӣ барои гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир дар самти малакаҳои ҳаётӣ тибқи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 40. Дастгирии лоиҳаҳои махсусгардонидашудаи ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷиҳати баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ байни гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ |
| Соҳаи афзалиятноки 5. Рушди имкониятҳо дар самти тарбияи ҷисмонӣ, варзишию оммавӣ ва ҳарбию мудофиавии наврасон ва ҷавонон | | |
| 41. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои иштироки фаъол ва баланд бардоштани мақоми сарварӣ ва таъсиррасонӣ дар самти рушди сиёсати хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати мудофиа, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 42. Барқарорсозии майдончаҳои варзишию солимгардонии назди хонаҳои бисёрошёна | 2011-2012 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 43. Барои истифодаи васеъ (бе маҳдудияти вақти рӯзона) пешниҳод кардани имконоти варзишии муассисаҳои таълимӣ (майдончаҳо), аз ҷумла мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба наврасон ва ҷавонон дар маҳали ҷойгиршавии онҳо | 2011 | Вазорати маориф, кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила |
| 44. Баргузории чорабиниҳои гуногуни маърифати иттилоотӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солими наврасон ва ҷавонон дар маҳалҳо бо истифодаи имконоти варзишии муассисаҳои таълимӣ | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, Вазорати маориф, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 45. Баргузории чорабиниҳои гуногуни маърифати иттилоотӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солими наврасон ва ҷавонон дар маҳалҳо бо истифодаи имконоти варзишии муассисаҳои таълимӣ | 2011-2012 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 46. Баргузории амалиёти (аксияҳои) варзишию оммавӣ бахшида ба санаҳои таърихӣ | Мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |

| Соҳаи афзалиятноки 6. Гендер, дастарсии ҷавонзанон ба хизматрасонӣ, солимии репродуктивӣ ва танзими оила | | |
|---|---|---|
| 47. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои иштироки фаъол ва баланд бардоштани мақоми сарварӣ ва таъсиррасонӣ байни шахсони бонуфузи маҳаллаҳо ва ходимони динӣ дар самти рушди хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон, аз ҷумла ҷавонзанон | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, Вазорати тандурустӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 48. Таҳия ва нашри барномаҳои омӯзишӣ ва маводи маърифатию иттилоотӣ барои ҷавондухтарон дар самти рушди солимии репродуктивӣ ва танзими оила | 2011 | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 49. Дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои ҷавонон ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ дар маҳалҳо оид ба рушди солимии репродуктивӣ ва танзими оила | 2012-2013 | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |
| 50. Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ байни ҷавонзанон оид ба пешгирии омилҳои номатлуб, СТАҶИ, ВНМО ва нашъамандӣ | Мунтазам | Кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, вазоратҳои тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ |

# 7. МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ ҶАРАЁНИ ТАТБИҚИ БАРНОМА

Маблағгузории Барномаи мазкур дар доираи маблағҳои вазорату идораҳои дахлдор ва сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ мегардад. Ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ, ташкилотҳои байналмилалии донор дар доираи татбиқи Барномаи мазкур тибқи асосҳо ва принсипи ҳамкории ихтиёрӣ сурат мегирад.

Ҳамоҳангсозии Барнома дар сатҳи миллӣ аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Азбаски Барнома байнисоҳавӣ мебошад, ҳар кадом соҳа дар алоҳидагӣ вобаста ба вазифаҳои муқаррааргардида масъул аст ва бо ин мақсад ҷиҳати ҳамоҳангсозии самараноки ҷараёни татбиқи Барнома дар назди Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои ҳамоҳангсози байнисоҳавӣ оид ба татбиқи Барнома таъсис дода мешавад. Низомнома ва ҳайати Шӯро бо қарори Ҳайати мушовараи Кумита тасдиқ мегардад.

Ҳамоҳангсозии татбиқи Барнома дар сатҳи маҳал аз ҷониби сохторҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ки доир ба интихоб ва тасҳеҳи стратегияи маҳаллӣ вобаста ба шароитҳои маҳал қарор қабул мекунанд, амалӣ карда мешавад.

Иҷрокунандагон ва сохторҳои мусоидаткунанда, ки бевосита Барномаро татбиқ менамоянд, ба унвони Шӯрои ҳамоҳангсози байнисоҳавӣ оид ба рушди хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон на камтар аз як маротиба дар як сол ҳисобот медиҳанд.

# 8. НАҚШАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

| Соҳаҳои афзалиятнок/Чорабиниҳо | Маблағгузорӣ (бо ҳазор сомонӣ) (1-буҷети давлатӣ, 2-сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | |
| | 1 | 2 | 1 | 2 | 1 | 2 |
| Соҳаи афзалиятноки 1. Иштироки ҷавонон, чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ ва оммавӣ вобаста ба татбиқи стратегияи «Ташаббусҳои хайрхоҳона нисбат ба ҷавонон» | 195,00 | 1390,00 | 190,00 | 1325,00 | 110,00 | 745,00 |
| 1. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои иштироки фаъол ва баланд бардоштани мақоми сарварӣ ва ҳамкории байнисоҳавӣ дар самти рушди сиёсати хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | 20,00 | 140,00 | 25,00 | 150,00 | 30,00 | 160,00 |
| 2. Таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки хизматрасонии махфиро барои наврасони аз 10 то 16 -сола таъмин менамоянд | - | 10,00 | - | 15,00 | - | - |
| 3. Таҳия ва татбиқи стратегияҳои коммуникатсионӣ оид ба тағйир додани рафтор ва паст намудани хавф нисбат ба СТАҶИ, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ ва варзиши оммавӣ | - | 25,00 | - | - | - | - |
| 4. Табодули таҷриба тавассути сафарҳои таълимию омӯзишӣ ба кишварҳои дорои таҷрибаи амалии хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | - | 30,00 | - | 35,00 | - | - |
| 5. Таҳияи механизми ягонаи сертификатсиякунонии хадамоти хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | - | 20,00 | - | - | - | - |
| 6. Таҳияи барномаҳои омӯзишӣ, модулҳо ва маводи иттилоотӣ барои чорабиниҳои маърифатию таблиғотӣ барои хизматчиёни соҳаи хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | - | 35,00 | - | 45,00 | - | - |
| 7. Татбиқ, ҳамоҳангсозӣ ва паҳн кардани стандарти омӯзишӣ аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» байни сохторҳои дахлдор, аз ҷумла системаи маориф | - | 30,00 | - | 40,00 | - | 45,00 |
| 8. Ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ аз рӯи усули «Дониш. Муносибат, Амал ва Рафтор» нисбат ба СТАҶИ, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ, одатҳои номатлуб ва таҳияи тавсияҳо оид ба хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | 15,00 | 60,00 | - | - | - | - |
| 9. Дастгирӣ ҷиҳати таъмини устуворӣ ва мустақилияти фаъолияти марказҳои иттилоотию маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон ва марказҳои тиббию машваратии ҷавонон дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон | 40,00 | 150,00 | 55,00 | 175,00 | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 10. Васеъ гардонидани модели марказҳои иттилоотию маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон ва марказҳои тиббию машваратии ҷавонон дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 80,00 | 200,00 | 70,00 | 180,00 | 60,00 | 160,00 |
| 11. Таъсиси марказҳои имконоти ҷавонон ҷиҳати омӯзиш ва устувор гардонидани нерӯи кадрии ташкилотҳои дахлдор ва ҳаракатҳои ҷавонон, аз ҷумла маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | 10,00 | 200,00 | 15,00 | 250,00 | - | - |
| 12. Дастгирӣ ҷиҳати таъмини устувории фаъолияти ташаббусҳои ҷавонон, аз ҷумла маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти баргузории чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар маҳалҳо | - | 400,00 | - | 350,00 | - | 300,00 |
| 13. Таҳия, нашр ва паҳн намудани маводи таълимию иттилоотӣ | 25,00 | 80,00 | 20,00 | 75,00 | 15,00 | 70,00 |
| 14. Таҳия ва нашри маҷаллаи даврӣ оид ба татбиқи чорабиниҳои Барнома | 5,00 | 10,00 | 5,00 | 10,00 | 5,00 | 10,00 |
| Соҳаи афзалиятноки 2. Рушди имкониятҳо ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла фаъолгардонии ҷомеаи маҳаллӣ | 85,00 | 355,00 | 80,00 | 350,00 | 95,00 | 390,00 |
| 15. Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амалӣ ҷиҳати дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон | - | 20,00 | - | - | - | - |
| 16. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои иштироки фаъол ва баланд бардоштани мақоми сарварӣ ва таъсиррасонӣ байни шахсони бонуфузи маҳаллаҳо ва ходимони динӣ дар самти рушди сиёсати хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | 20,00 | 45,00 | - | - | - | - |
| 17. Дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои ҷавонон ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ дар маҳалҳо, аз ҷумла дар деҳот | 50,00 | 200,00 | 60,00 | 240,00 | 70,00 | 250,00 |
| 18. Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ дар деҳот оид ба пешгирии омилҳои номатлуб, СТАҶИ, ВНМО ва нашъамандӣ дар самти саломатӣ аз нигоҳи Ислом | 15,00 | 90,00 | 20,00 | 110,00 | 25,00 | 140,00 |
| Соҳаи афзалиятноки 3. Иштироки ВАО дар иттилоотонии наврасон ва ҷавонон оид ба масъалаҳои ВНМО/БПНМ, СТАҶИ, нашъамандӣ, одатҳои номатлуб, солимии репродуктивӣ ва танзими оила | 70,00 | 355,00 | 90,00 | 505,00 | 80,00 | 420,00 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 19. Рушди имконоти техникӣ ва коммуникатсионии ҷомеаи муосир ва ташаккули механизми паҳн намудан ва мубодилаи иттилоот дар бахши тарзи ҳаёти солим таввасути ВАО, аз ҷумла шабакаҳои мобилӣ | - | 80,00 | - | 90,00 | - | - |
| 20. Ба роҳ мондани барномаҳои доимии радио ва телевизионӣ, рӯзномаҳо ва маҷҷалаҳо бо иштироки ҷавонон | 20,00 | 65,00 | 25,00 | 80,00 | 20,00 | 80,00 |
| 21. Ташкили озмун - барномаҳои телевизионӣ дар бахши ташаккули тарзи ҳаёти солими наврасон ва ҷавонон | 15,00 | 60,00 | 20,00 | 80,00 | 25,00 | 90,00 |
| 22. Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ ва тарғиботӣ вобаста ба татбиқи чорабиниҳои Барнома | 25,00 | 120,00 | 30,00 | 230,00 | 35,00 | 250,00 |
| 23. Таъсиси сомонаи ягонаи интернетӣ оид ба хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон дар бахши саломатӣ | - | 10,00 | - | - | - | - |
| 24. Рушди имконоти (дастгирии) хадамоти «Телефони боварӣ» барои наврасон ва ҷавонон ва таъсиси хадамоти ҳаммонад дар минтақаҳои кишвар | 10,00 | 20,00 | 15,00 | 25,00 | - | - |
| Соҳаи афзалиятноки 4. Ташаккул ва рушди имкониятҳо оид ба хизматрасонии хайрхоҳона ба наврасон ва ҷавонони аз гурӯҳҳои осебпазир (шахсони гирифтори ВНМО/БПНМ, нашъамандон, оворагардон, муҳоҷирони меҳнатӣ, шахсони ба тиҷорати алоқаи ҷинсӣ шуғлдошта, наврасон ва ҷавонони аз озодӣ маҳрумбуда) | 140,00 | 870,00 | 125,00 | 670,00 | 110,00 | 610,00 |
| 25. Таҳияи механизм оид ба васеъ намудани шабакаи хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон бо имкониятҳои дастрас нисбат ба гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | - | 45,00 | - | - | - | - |
| 26. Гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир ва мавқеъи онҳо дар ҷомеаи муосир | 15,00 | 75,00 | - | - | - | - |
| 27. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ бо принсипи пешбарии дастгирии манфиатҳои гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | 20,00 | 65,00 | 25,00 | 80,00 | 20,00 | 80,00 |
| 28. Таҳия ва нашри барномаҳои омӯзишӣ ва маводи маърифатию иттилоотӣ барои гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | 15,00 | 40,00 | 15,00 | 50,00 | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 29. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ оид ба ҷорӣ кардани табобати метадонии ивазкунанда барои истифодабарандагони маводи нашъадори тазриқӣ | - | 40,00 | - | 60,00 | - | 80,00 |
| 30. Таъсиси марказҳои офиятию иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир дар самти хизматрасонии хайрхоҳона дар бахши саломатӣ | - | 60,00 | - | 80,00 | - | 120,00 |
| 31. Ташкили Хадамоти машваратию психологӣ бо дарназардошти принсипҳои амалии хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон | 20,00 | 80,00 | - | - | - | - |
| 32. Ташкили марказҳои шуғлнокии алтернативӣ барои ҷалби гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир аз рафтору кирдорҳои ношоям | - | 80,00 | - | 80,00 | - | - |
| 33. Пурзӯр кардани нерӯи кадрӣ ва техникии муассисаҳои тандурустӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати хизматрасонии хайрхоҳона ба гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | - | 120,00 | - | - | - | - |
| 34. Баргузории машғулиятҳои (тренингҳои) омӯзишӣ барои гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир дар самти малакаҳои ҳаётӣ тибқи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» | 20,00 | 65,00 | 25,00 | 80,00 | 20,00 | 80,00 |
| 35. Дастгирии лоиҳаҳои махсус-гардонидашудаи ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷиҳати баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ байни гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир | 50,00 | 200,00 | 60,00 | 240,00 | 70,00 | 250,00 |
| Соҳаи афзалиятноки 5. Рушди имкониятҳо дар самти тарбияи ҷисмонӣ, варзишию оммавӣ ва ҳарбию мудофиавии наврасон ва ҷавонон | 135,00 | 575,00 | 170,00 | 680,00 | 75,00 | 360,00 |
| 36. Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои иштироки фаъол ва баланд бардоштани мақоми сарварӣ ва таъсиррасонӣ дар самти рушди сиёсати хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон | 5,00 | 20,00 | 10,00 | 40,00 | 15,00 | 60,00 |
| 37. Барқарорсозии майдончаҳои варзишию солимгардонии назди хонаҳои бисёрошёна | 60,00 | 180,00 | 80,00 | 240,00 | - | - |
| 38. Баргузории чорабиниҳои гуногуни маърифатию иттилоотӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солими наврасон ва ҷавонон дар маҳалҳо бо истифодаи имконоти варзишии муассисаҳои таълимӣ | 20,00 | 65,00 | 25,00 | 80,00 | 20,00 | 80,00 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 39. Таъсис ва барқарорсозии майдончаҳои варзишию оммавӣ дар деҳоти кишвар ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва пешгирии омилҳои номатлуб байни онҳо | 20,00 | 140,00 | 20,00 | 130,00 | - | - |
| 40. Баргузории амалиёти (аксияҳои) варзишию оммавӣ бахшида ба санаҳои таърихӣ | 30,00 | 170,00 | 35,00 | 190,00 | 40,00 | 220,00 |
| 41. Нигоҳдорӣ ва таъмини майдончаҳои варзишии муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти варзишӣ | 20,00 | 65,00 | 25,00 | 80,00 | 20,00 | 80,00 |
| Соҳаи афзалиятноки 6. Гендер, дастарсии ҷавонзанон ба хизматрасонӣ, солимии репродуктивӣ ва танзими оила | 70,00 | 305,00 | 120,00 | 420,00 | 125,00 | 490,00 |
| 42.Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои иштироки фаъол ва баланд бардоштани мақоми сарварӣ ва таъсиррасонӣ байни шахсони бонуфузи маҳаллаҳо ва ходимони динӣ дар самти рушди хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон, аз ҷумла ҷавонзанон | 5,00 | 20,00 | 10,00 | 40,00 | 15,00 | 60,00 |
| 43.Таҳия ва нашри барномаҳои омӯзишӣ ва маводи маърифатию иттилоотӣ барои ҷавондухтарон дар самти рушди солимии репродуктивӣ ва танзими оила | 25,00 | 110,00 | - | - | - | - |
| 44.Дастгирии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои ҷавонон ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ дар маҳалҳо оид ба рушди солимии репродуктивӣ ва танзими оила | - | - | 60,00 | 180,00 | 70,00 | 210,00 |
| 45.Баргузории чорабиниҳои маърифатию иттилоотӣ миёни ҷавонзанон оид ба пешгирии омилҳои номатлуб, СТАҶИ, ВНМО ва нашъамандӣ | 20,00 | 110,00 | 25,00 | 120,00 | 20,00 | 140,00 |
| Ҷамъи маблағгузорӣ: | 695,00 | 3850,00 | 775,00 | 3950,00 | 595,00 | 3015,00 |

Ҳаҷми маблағи умумӣ: 12880,00 (дувоздаҳ миллиону ҳаштсаду ҳаштод ҳазор) сомонӣ

аз ҷумла,

аз ҳисоби буҷети давлатӣ: 2065,00 (ду миллиону шасту панҷ ҳазор) сомонӣ

аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ: 10815,00 (даҳ миллиону ҳаштсаду понздаҳ ҳазор) сомонӣ

# 9. НАТИҶАҲОИ ПЕШБИНИШАВАНДА

Дар натиҷаи татбиқи Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 сиёсати миллӣ оид ба рушди стратегияи «Ташаббусҳои хайрхоҳона нисбат ба ҷавонон» такмил ёфта, тадбирҳои зайл дар самти беҳдошти вазъи саломатии ҷавонон амалӣ гардиданд:

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии мавҷуда таҷдиди назаргардида, барои ҷорӣ намудани хизматрасониҳои хайрҳоҳона нисбат ба ҷавонон дар самти пешгирии бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ, солимии репродуктивӣ, танзими оила, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва паст кардани рафторҳои хавфнок дар сатҳи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бунгоҳҳо барои муҳоҷирон ва даъватшудагон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранок гузаронидани комиссияи тиббии бақайдгирӣ ва комиссияи даъвати ҳарбӣ, сохторҳои маҳаллии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои ислоҳотию меҳнатӣ шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуд;

– имконияти дастрас барои хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон ҷиҳати маслиҳатдиҳии ихтиёрии махфӣ, аз ҷумла тиббӣ ва санҷишӣ таъмин гардид;

– иштироки фаъолонаи ҷавонон дар таҳия ва татбиқи барномаҳо барои гурӯҳҳои мақсаднок таъмин карда шуд;

– стратегияи коммуникатсионӣ барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва тағйир додани рафторҳои хавфноки ҷавонон таҳия ва татбиқ гардид;

– имконоти барномаҳои таълимии малакаҳои ҳаётӣ («Тарзи ҳаёти солим») дар соҳаи саломатӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои синну солӣ ва гендерӣ барои муассисаҳои таълимӣ такмил ёфт;

– механизми ягонаи сертификатсиякунонии Хадамоти хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон ташаккул ёфта, 20 фоизи онҳо сертификатсия шуданд;

– барномаҳои меъёрии омӯзишӣ, модулҳо барои омода намудани масъулон дар самти хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон таҳия гардиданд;

– стандарти омӯзишӣ аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» байни сохторҳои дахлдор, аз ҷумла системаи маориф барои татбиқ паҳн карда шуд;

– маълумоти зарурии таҳқиқотӣ оид ба вазъи ҷавонон нисбат ба СТАҶИ, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ ва одатҳои номатлуб дастрас гардида, тавсияҳои дахлдор барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид;

– устуворӣ ва мустақилияти фаъолияти 30 марказҳои иттилоотию маърифатии хайрхоҳона ба ҷавонон ва 8 марказҳои тиббию машваратии ҷавонон дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон таъмин гардид;

– бо назардошти таҷриба ва истифодаи модели марказҳои иттилоотию маърифатии хйрхоҳона ба ҷавонон ва марказҳои тиббию машваратии ҷавонон дар 5 ноҳияҳои дигар хадамоти ҳаммонанд таъсис ёфт;

– дар 6 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати омӯзиш ва устувор гардонидани нерӯи кадрии ташкилотҳои дахлдор ва ҳаракатҳои ҷавонон, аз ҷумла маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон дар самти хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон марказҳои имконоти ҷавонон таъсис ёфт (дар заминаи марказҳои мавҷуда);

– имконоти Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон устувор гардида, ба ин васила механизми дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон дар маҳалҳо ва деҳот ташаккул ёфт;

– 25 фоизи ҷавонон, аз ҷумла ҷавонзанон дар сатҳи маҳалҳо бо ҷалби ходимони дин ва сарварони маҳалҳо ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва эмин будан аз хавфи СТАҶИ, ВНМО ва нашъамандӣ ҳидоят гардиданд;

– 30 фоизи наврасон ва ҷавонон бо ҷалби ВАО оид ба масъалаҳои ВНМО/БПНМ, СТАҶИ, нашъамандӣ, одатҳои номатлуб, солимии репродуктивӣ ва танзими оила маълумотнок гардиданд;

– моделҳои нави фарогирии ҷавонон бо иттилооти зарурӣ тариқи ВАО ва технологияҳои коммуникатсионӣ ташаккул ёфт;

– барои 40 фоизи ҷавонон хизматрасонии сифатноки махфӣ дастрас мебошад;

– фаъолияти 80 фоизи марказҳои дилхушӣ, дискоклубҳо ва ҷойҳои истироҳатию фароғатии ҷавонон вобаста ба меъёрҳои ҷорӣ дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим ба танзим даровarda шуд;

– механизми васеъ намудани шабакаи хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон бо имкониятҳои дастрас нисбат ба гурӯҳҳои ҷавонони махсусан осебпазир ташаккул ёфт;

– 35 фоизи наврасон ва ҷавонони аз гурӯҳҳои махсусан осебпазир бо иттилооти зарурӣ, инчунин малакаҳои ҳаётӣ дар самти ВНМО/БПНМ, СТАҶИ, нашъамандӣ, одатҳои номатлуб, солимии репродуктивӣ ва танзими оила фаро гирифта шуданд;

– имконоти ташаббусҳо, аз ҷумла маҳфилҳои ихтиёриёни ҷавон аз рӯи принсипи омӯзиши «Ҳамсол ба ҳамсол» устувор гашт;

– имконоти варзишии (майдонҳои) 80 фоизи муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба истифодаи наврасон ва

ҷавонон дар маҳалҳои ҷойгиршавӣ ҷиҳати истифодаи васеъ (бе маҳдудияти вақти рӯзона) таъмин гардид;

– 10 фоизи майдончаҳои варзишию солимгардонии назди хонаҳои бисёрошёна барқарор карда шуд;

– нерӯи кадрӣ дар бахши хизматрасонии хайрхоҳона барои ҷавонон дар вазорату идораҳои дахлдор ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ таҳким ёфт;

– 40 фоизи ҷавонон бо муоинаи тиббии пешгирикунанда бо роҳи пешкаш намудани маслиҳати ихтиёрии махфӣ ва санҷишӣ нисбат ба сироятҳои тавассути алоқа ҷинсӣ интиқолшаванда ва ВНМО/БНММ фаро гирифта шуданд;

– аз ҳисоби омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва духтурони наврасон нерӯи кадрӣ тайёр карда шуд;

– нишондиҳандаҳои мониторинг ва баҳодиҳии барномаҳое, ки ба рушди саломатии ҷавонон дар самти солимии репродуктивӣ, пешгирии сироятҳои тавассути алоқа ҷинсӣ интиқолшаванда, ВНМО/БПНМ, нашъамандӣ, истеъмоли маводи зараровар ва паст кардани рафтори хавфнок байни ҷавонон равона шудаанд, таҳия гардиданд.

– ташхиси тиббии наврасон ва ҷавонон ҳангоми гузаронидани комиссияи бақайдгирӣ ва комиссияи даъвати ҳарбӣ беҳтар гардонида шуд.